ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-134 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

аз 25-уми августи соли 2026 **шаҳри Душанбе**

Суханронии Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дар мавзуи «Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, тақризи муассисаи пешбар – Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон; тақризи муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, ноиби ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Ҳамдамзода Хурсанд Акбар; суханронии номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи менеҷменти истеҳсолии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ – Самиев Шамсиддин Файзуллоевич; муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда, докторони илмҳои иқтисодӣ, профессорон Рачабов Рачаб Кучакович, Самандарзода Искандар Ҳусейн ва Раҳматзода Ҳайдар Боборо шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дар мавзуи «Такмили зеркомплекси чорвои ширдеҳ ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин дараҷаи илмии дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи дипломи доктори фалсафа (PhD) ба Олимзода Абдусаҳоби Сироҷидин аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 13 нафар. Мухолиф – нест. Бетараф – нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов Зариф Раҳмонович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов Аловиддин Хайруллоевич